«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»
профессор: ________ Давлатзода С.Х.
__ 04 2022

# ХУЛОСАИ

**кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**

Диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ дар кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба анҷом расонида шудааст.

Дар рафти пажӯҳиши мавзуи диссертатсия Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» ба шумор мерафт.

Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич соли 2012 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои таърих, дотсент Алимов Давлаталӣ Халилович буда, ба ҳайси мудири кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” фаъолият менамояд.

Мавзуи диссертатсияи номзадӣ дар ҷаласаи Шурои олимони ДДБ ба номи Носири Хусрав аз 24.12.2018 қарори №5 тасдиқ шудааст.

Аз муҳокимаи рисола дар маҷлиси кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» аз 30 мартии соли 2022, протоколи №8 хулосаи зерин бароварда шуд:

1. **Баҳо ба рисолаи унвонҷӯ**.

Диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои

1924-1991)» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, вазифаҳои дар назди муҳаққиқ гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

**Иштироки шахсии унвонҷӯй дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст**.

Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шуда, дар он мақсад ва вазифаҳои илмӣ иҷро гардида, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона баён ва натиҷагирӣ гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок шуда, диссертатсия таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда**.

Рисолаи мазкури диссертатсионӣ дар асоси омӯзиш ва таҳлили маводи бойгониҳои ҳизбӣ ва давлатии ҷумҳурӣ, дастовардҳои таърихнигорӣ ва ёддоштҳои иштирокчиёни сохтмони воситҳои аалоқа дар Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Дар таърихнигории Тоҷикистон ин мавзуъ қисман ва дар бобҳои алоҳида ҳангоми инъикоси масъалаи таърихи маданияти кишвар баррасӣ шудааст: аз ҷумла дар асарҳои бунёдӣ ва маҷмуаҳо асарҳои инфиродӣ, ва мақолаҳои илмӣ.

Дар аввали асри XX дар низоми алоқаи Тоҷикистон низ таҷҳизот ва технологияи муосири инноватсионии воситаҳои алоқа ба роҳ монда шуда, дар ҷумҳурӣ дар ин соҳа истифодаи алоқаи муосири моҳворай барои рушди минбаъдаи он имкониятҳои навро ба миён овард. Аз ин рӯ таҳлили муқоисавии таърихи ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа, истифодаи таҷрибаи Тоҷикистони Шӯравӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол дар партави муносибати нав ба омӯзиши таърих, вақте ки таъсири идеология ба баҳодиҳии воқеаҳои мушаххаси таърихӣ ва равандҳои демократӣ дар Тоҷикистон вуҷуд надорад, барои инъикоси таърихи пайдоиш ва инкишофи он имкониятҳои нави объективӣ фароҳам меоварад.

Мавзуи баррасишаванда дар монографияи Кабиров Х. инъикоси васеътар гирифт. Муаллиф, зоҳиран, кӯшиши бештар додани маълумотро

кардааст ва ба маъно ва ҷойгоҳи далелҳои инъикосёфта эътибор надодааст.

Тадқиқи масъалаи мазкур боз аз он чихат хам ахамиятнок аст, ки дар рисола то чи андоза муҳим будани таҷрибаи таърихии дустии халкхои СССР, муттахидй ва хамкории онхоро дар ташаккул ва инкишофи низоми алоқа дар як вилоят нишон медихад. Солхои 20-30 –уми асри XX дар ноҳияҳои навтаъсиси вилояти Хатлон сарфи назар аз шароити сахти иқлимии кор, гармӣ, ки то 50 дараҷа мерасид дар қишлоқҳои дурдаст, кӯҳӣ халқи тоҷик бо ёрии мардуми бисёре аз кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯрави дар як муддати кӯтоҳ хатти алоқаи почта, телефон, телеграф ва радиоро ташкил намуданд.

Омӯзиш ва хулосаи таҷрибаи мусбати таърихӣ ва ошкор намудани падидаҳои манфӣ дар масъалаи тадқиқшаванда на танҳо ба шиносоӣ, балки ба рушди минбаъдаи системаи алоқа дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат мекунад. Дар робита ба ин, мубрамияти мавзӯъ дар он асоснок карда мешавад, ки дар тӯли якчанд даҳсола дар илми таърихи ватанӣ ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа одатан ба таври истисноӣ бо тавсеаи воситаҳои нави техникӣ тафсир карда мешуд. Дар ҳақиқат чорабиниҳо доир ба рушди воситаҳои алоқа дар давраи тадқиқотӣ дар вилояти Хатлон доман паҳн карда, аз ҳама зиёд самти иҷтимоию иқтисодӣ дошта, сипас ҳамчун падидаи махсус ифода ёфтааст.

**Мақсади таҳқиқот**. Ҳадафи асосии тадқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмӯии таърихи рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар тӯли солҳои 1924-1991 ба ҳисоб меравад. Таҳқиқот аз соли 1924 оғоз меёбад, чунки дар ин соли таърихӣ Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис дода шуд. анҷоми таҳқиқот мо соли 1991- ро интихоб кардем. Соли 1991 давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ аз байн рафт ва дар ҷумҳурӣ сохти нави соҳибистиқлолӣ оғоз гардид. бинобар он соли 1991 барои миллати тоҷик соли бениҳоят

таърихии бузург аст, чунки миллати тоҷик Истиқлолияти давлатӣ ба даст овард.

Мувофиқи ҳадафи гузошташуда вазифаҳои тадқиқотӣ чунин муайян карда шуданд

- ҷамъбаст намудани тадқикот ва таълифоти осори муҳаққиқон ва донишмандони соҳа, ки оид ба мавзӯи мазкур анҷом дода шудааст;

- таҳлили асарҳои илмии таърихнигории ба таърихи рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон бахшидашуда;

- аз ҷиҳати назариявӣ ошкор намудани аҳамияти мавзӯи тадқиқот;

-таҳлил ва баррасии ҷараёни сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқаи минтақа (почта, радио, телефон, телеграф);

- пажӯҳиш оид ба рушди минбаъдаи воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар давраи шӯравӣ;

- аз ҷиҳати илмӣ таҳлил намудани аҳамияти воситаҳои алоқа дар роҳи расидан ба баланд бардоштани савияи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, маданӣ-маишӣ ва фарҳангӣ дар минтақаи омӯзиш;

-баррасӣ ва таҳлили илмии барнома ва қарорҳои Ҳукумати кишвар ҷиҳати баланд бардоштани вазъи иҷтимоӣ, таъмини амнияти дохилӣ ва рушди босуръати воситаҳои алоқаи минтақа;

-инъикос намудани саҳми воситаҳои алоқа дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсии вилояти Хатлон.

**Навоварии илмии рисола** дар он аст, ки он: а) ба равиши инкишофи воситаҳои алоқа дар солҳои 1924-1991 дар минтақаи омӯзиш баҳои аниқ дода, инчунин хусусиятҳои хос ва мушкилии ҳар як давраро муайян менамояд; б) аз мавқеи давлати соҳибистиқлол дақиқона масъалаҳои сохтмон ва рушди воситаҳои алоқаи як минтақаи кишварро шарҳ медиҳад; в) дар рисола ба таври муфассал, бо дарназардошти комёбиҳои илми таърихнигории муосир, моҳияти масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва маданӣ-маиширо кушода, рушди минбаъдаи ниҳодҳои давлатии воситаҳои алоқаро таҳлил менамояд; в) дар ҷанбаи аниқи таърихӣ ба ҷараёни

сохтмон ва рушди воситаҳои алоқа равшанӣ меандозад.

**Моҳияти таҳқиқоти илмию назариявӣ**. Бори аввал бо чунин шакл ва мазмун дар асосии таҳлили доираи васеи ҳуҷҷатҳои расмӣ раванди барқароркунӣ ва сохтмони воситаҳои алоқа дар ҷумҳурӣ, мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таҷрибаи ҳамкории созандаи халқҳо нишон дода шудааст, ки аҳамияти калони илмӣ-назариявӣ дорад ва метавонад ҳангоми омода намудани асарҳои бунёдӣ истифода шавад.

**Алоқамандии мавзуи рисолаи илмӣ бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ иҷро гардида, ба талаботи Низомномаи намунавии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навиштани диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқат менамояд.

**Татбиқи натиҷаҳои илмии рисола**. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи фаъолияти чандинсола буда, мазуну мундариҷаи онро 10 мақолае, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, инъикос мекунанд. Номгӯи онҳо дар охири автореферати рисола оварда шудааст. Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои солонаи ҳайати профессорону омӯзгорони ДДБ ба номи Носири Хусрав ва дар маводҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ мунташир гардидаанд. Дар ин мақолаҳои илмӣ таҳлилҳои илмии муаллиф роҷеъ ба барйароршавӣ ва сохтмони восситаҳои алоқа дар Тоҷикистон нишон дода шудаанд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМӢ

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:


1. Курбонов М.М. Развитие средств связи Хатлонской области в предвоенные годы (1933-1940 гг.) // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – №8. – С.99-104.

2. Қурбонов М.М. Истории становления и развития средств связи Хатлонской области Республики Таджикистан в 20-е годы XX века // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – №9. – С.110-114. (в соавторстве).
3. Қурбонов М.М. К истории средств связи Южного Таджикистана // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – №9. – С.127-132.
4. Курбонов М.М. Развитие телеграфа в Хатлонской области Республики Таджикистан // Известия АН РТ, отд. общ. наук. – 2018. – №4. – С.50-54.
5. Қурбонов М.М. Развитие телевидение в Таджикистане и его южных районах (1960-1990 гг.) // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – №4. – С.101-105.
6. Қурбонов М.М. Ташкилёбӣ ва барқароршавии алоқаи почта дар вилояти Хатлон дар солҳои 20-уми асри XX // Паёми ДМТ. – 2020. – №9. – С.127-132.
7. Қурбонов М.М. Рушди минбаъдаи алоқаи почта дар солҳои 1930-1980-ум дар вилояти Хатлон // Паёми ДМТ. – 2020. – №10. – С.148-152.
8. Курбонов М.М. Ташаккул ва рушди алоқаи почта дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1930-1980) // Муаррих. – 2020. – №4. – С.57-63.
9. Қурбонов М.М. Рушди васоити алоқаи вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ // Паёми ДМТ. – 2021. – №7. – С.82-87.
10. Қурбонов М.М. Заминаҳои таърихии рушди алоқаи почта дар вилояти Хатлон (солҳои 30-70-уми асри XX) / М.М. Қурбонов, Д.Х. Алимов // Паёми ДМТ. – 2022. – №5. – С.102-107.
11. Қурбонов М.М. Рушди васоити алоқаи вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ / М.М. Қурбонов, Д.Х. Алимов // Муаррих. – 2022. – №2. – С.38-41.

**Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳои илмӣ ва нашрияҳои дигар**

12. Қурбонов М.М. Шириншо Шотемур – инициатор создания самостоятельного государственного объединения таджиков // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "Нақши Қаҳрамони Тоҷикистон Ширин шоҳ Шоҳтемур дар таҳкими давлатдории миллӣ", ДАТ ба номи Ширин шоҳ Шоҳтемур, ш. Душанбе. – 2018. – 9-10 февр. – С.99-103. (ҳаммуаллиф).

14. Қурбонов М.М. Формирование почтовой связи со времен Империи Саманидов до начало XX в. в Хатлонской области Республики Таджикистан // Международная научно-практическая конференция на тему: "Роль науки в развитии социума: теоретические и практические аспекты", Центр системного анализа, г. Санкт-Петербург. – 2018. – 9-10 февр. – С.56-58.

15. Қурбонов М.М. Восстановление и развитие почты в Хатлонской области Республики Таджикистан в 30-е гг. XX века // Сборник научных статей по итогам Национальной научно- практической конференции на тему «Парадигмальный характер фундаментальных и прикладных научных исследований, их генезис», Центр Системного Анализа, г. Санкт-Петербург. – 2019. – 29-30 марта. – С.46-48.

16. Қурбонов М.М. Становление и развитие средств связи южных районов Таджикистана (1930-1940 гг.) // Материалы международной научно-теоретической коференции в честь 28-летие Государственной Независимости Республики Таджикистан, 25-летие принятии Коституции Республики Таджикистан и 22-летие Национального согласия на тему "Глобализация и диалог культуры в современном этапе", БГУ им. Носира Хусрава, г. Бохтар. – 2019. – 17-18 мая.

17. Курбонов М.М. История становления и развития средств связи Хатлонской области в 20-е гг. XX века // Вестник БГУ им. Носира Хусрава. Серия общественных наук. – 2019. – №3/1(61). – с.102-107.

18. Курбонов М.М. Становление и развитие телеграфа и телефона в районах Вахшской долины Таджикистана // Вестник БГУ им. Носира Хусрава. Серия общественных наук. – 2019. – №3/3(67). – С.52-58.

19. Қурбонов М.М. Пайдоиши алоқаи телеграф навгонии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон. – Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2022. – 3/2(100) – С.111-117.

20. Қурбонов М.М. Таъсис ва инкишофи алоқаи телефонӣ дар Тоҷикистон. – Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2022. – 3/2(100). – С.118-123.

Ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қарор мекунад:

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ чун кори илмӣ-тахассусӣ иҷро гардида, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯ Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ барои ҳимоя пешниҳод гардад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул карда шуд.

Дар ҷаласа 24 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«Тарафдор» - 24 нафар;

«Зид» - нест;

«Бетараф» - нест.

Қарор якдилона қабул гардид. Протоколи №8 аз 30 марти соли 2022.

Раисикунанда
н.и.т., дотсент, мудири кафедраи таърихи
халқи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав Наботов Ф.С.

Котиб
ассистенти кафедраи таърихи
халқи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав Қурбонова М.С.

Имзоҳои Наботов Ф.С. ва Қурбонова М.С.-ро
тасдиқ мекунам
Сардори ШК ва КМ МДТ «ДДБ
ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

31.03.22.

**Нишонӣ**: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Тел. 2-23-64, 2-22-53 www.ktsu.tj, почтаи электронӣ: ktsu78.@mail. ru